# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ ба диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Сироҷзода Нигина Раҷаб дастпарвари факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) аст. Номбурда соли 2015 донишгоҳро хатм намуда, аз соли 2016 то соли 2020 ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гардидааст. Ҳамзамон, солҳои 2015-2020 коргузори факулта ва аз соли 2020 то инҷониб ба сифати ассистенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети мазкур фаъолият карда истодааст.

Мавсуф муҳаққиқи нуктасанҷ ва донишманд аст, ки масъалаи таҳқиқшавандаро ҳам аз лиҳози амалӣ ва ҳам назариявӣ баррасӣ намудааст. Сироҷзода Нигина Раҷаб аз мактаби илмии профессор Асадулло Саъдуллоев гузашта, чун муҳаққиқи пурдон таҳқиқоти диссертатсионии худро ба анҷом расонид.

**Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба номи мавзуъ ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст.**

Асадулло Саъдуллоев аз ҷумлаи он устодони соҳибмактаб ва соҳибэҳтироми соҳаи маорифи мамлакат ва махсусан Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ки аз соли 1981 дар ин боргоҳи илму маърифат кори пурсамар намудааст.

Дар тарбияи мутахассисони баландихтисоси соҳаи рӯзноманигорӣ ва адабиётшиносӣ сахми профессор А. Саъдуллоев мубрам арзёбӣ мегардад. Таҳти роҳбариашон 15 нафар рисолаҳои номзадию докторӣ ҳимоя намуданд. Мактаби илмии устод гуногунҷанбаъ аст. Таҳти машварати бевоситаашон устодони соҳаи рӯзноманигорӣ ба таълифи китобҳои дарсию методӣ мунтазам машғул шудаанд.

Профессор А. Саъдуллоев ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи очерку публитсистика камар баста, соли 1978 рисолаи номзадӣ ва соли 1996 рисолаи докторӣ дифоъ кардаанд. Аз соли 1987 дотсент ва аз соли 1998 профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

буданд. Домани таҳқиқоти муҳаққиқ басо фаррох буда, ҳамзамон нақди адабӣ ва публитсистикаро низ фаро мегирад.

Ҳангоми фаъолият дар матбуот роҷеъ ба рӯзгор ва осори адибони машҳур Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Расул Ғамзатов, Николай Тихонов, Константин Симонов, Ғафур Ғулом, Мирзо Иброҳимов, Аркадий Гайдар, Муъмин Қаноат ва дигарон таҳқиқот анҷом дода, шахсият ва моҳияти осорашонро барои хонандаи тоҷик аз саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо бозгӯӣ кардаанд.

Дар фаъолияти адабиётшиносиии худ А. Саъдуллоев даҳҳо асарҳои бадеиву публисистиро ба риштаи таҳқиқ кашида, тақризҳо навиштааст, ки дар байнашон ба асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев, Раҷаб Амонов, Абдумалик Баҳорӣ, Қутбӣ Киром, Мутеулло Наҷмиддинов, Бахром Фирӯз, Шодон Ҳаниф, Меҳмон Бахтӣ, Ӯрун Кӯҳзод, Кароматулло Мирзоев, Абдулҳамид Самадов, Саттор Турсун, Гулрухсор, Раҷаби Мардон, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҷамолиддин Каримзода, Шералӣ Мӯсо, Ҷонибеки Акобир, Муҳаммадзамони Солеҳ, М.Ҳотам, Ю.Аҳмадзода, Абдуғаффори Партав, Карим Мӯсову дигарон дучор меоем.

Асарҳояшон «Нависандагони советӣ дар мубориза баҳри сулҳ» (1977), «Дарё равон аст» (1985), «Публисистикаи Мирзо Турсунзода. Таҳқиқ» (1988), «Агар сухан коргар шавад» (1992), «Бомдоди шубоб» (1994), «Озодии сухан ва матбуот» (ҳаммуаллиф, 1995), «Хосияти адабиёт» (Пайванди каломи бадеъ бо иҷтимоъ, 2000). «Очерк. Таҳқиқи публисистӣ» (Кобул, 1984), «Ҳамосаи инсони кору пайкор» (Кобул, 1984), «Хандаи созанда» (Ҳаҷв дар адабиёти даризабонон Кобул, 1988), «Журналистикаи радио» (иборат аз се китоб, 1985-1987), «Саҳифабандӣ ва чопи газета» (2010), «Рангҳои зиндагӣ» (Насри мустанади муосири тоҷик-2007), Асосҳои журналистикаи телевизион (ҳаммуаллиф, 2008), Эссе (2010), Очерк: генезис, развитие и современное состояние (ҳаммуаллиф, 2012), Муаммои назарияи публитсистика (ҳаммуаллиф, 2015) ва чанд дигар миёни хонандагон шухрат доранд.

Хизмати профессор А. Саъдуллоев ҳамчун рӯзноманигор ва устоди донишомӯзон бо Ифтихорномаи Совети Олии РСС Тоҷикистон, нишонаҳои Корманди шоистаи Тоҷикистон, «Ветерани меҳнат», «Хизмати шоиста», нишони Созмони ҷавонони Афғонистон, «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон», «Аълочии маорифи Тоҷикистон», «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Аълочии телевизион ва радиои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра қадр карда шудааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсия дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пурра мувофиқат менамояд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Диссертант Сироҷзода Н. Р. дар таҳқиқи мавзуъ, таҳлили маводи ҷамъоварда, таълифи мақолаҳои илмӣ ва диссертатсия мустақилият дошта, дар раванди корҳои таҳқиқотӣ бо роҳбари илмӣ машваратҳои илмӣ намудааст. Мақолаҳои илмии диссертант натиҷаи пажуҳишҳои ӯ буда, дар шакли маърузаҳои илмӣ дар конференсияҳои гуногун пешниҳод гардидаанд.

Аз таҳлилу таҳқиқи адабиёти мутолиагардида ва таҳқиқоти анҷомдодаи довталаб метавон ба чунин натиҷа расид, ки бори аввал осори илмии А.Саъдуллоев ва таҳқиқоти ӯ дар соҳаи публитсистика мавриди пажуҳиш қарор гирифта, мавқеи профессор А. Саъдуллоев дар таҳқиқи насри мустанад, масъалаҳои назариявӣ дар публитсистика, проблемаҳову муаммоҳои жанрӣ, сабку забону услуб, мундариҷаву мавзуъ, масъалаҳои рушду таназзули соҳа, мушкилоту монеаҳо, нақши адиб дар ташхиси равандҳои иҷтимоӣ, ташаккули мактаби илмӣ ва бисёр паҳлуҳои дигар нишон дода шудааст. Навгониҳои таҳқиқ ба он асоснок карда мешавад, ки чунин навъи пажуҳиш дар самти публитсистикаву журналистика яке аз нахустинҳост.

Диссертант дар таҳқиқи мазкур навгониҳои мушаххасро дар раванди пажуҳиш пайгирӣ намуда, баррасии муназзам ва пай дар пайи мавзуъро дақиқ кардааст.

Дар ҷараёни таълифи диссертатсия Сироҷзода Н. Р. барои ҳалли вазифаҳои дар пеш гузошта, татбиқи амалии натиҷаҳои пажуҳиш, исботи муҳиммияти мавзуъ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он, баррасии объект ва предмети таҳқиқ масъулияти баланд нишон дод.

Аҳаммият ва арзиши илмию назарии таҳқиқи мазкур дар он ифода меёбад, ки натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои пешниҳодшуда тасаввурот ва донишҳои назариявиро дар фаҳмиши таҳқиқи публитсистика афзуда, метавонад, самтҳои нави таҳқиқро дар шинохти соҳа ба вуҷуд оварад. Уфуқҳои таҳқиқ дар фаъолияти А.Саъдуллоев мушаххас гардида, ҷанбаҳои муҳимми он ба дигар илмҳои ҷомеашиносӣ муайян мегардад. Таҳқиқи мазкур муносибат ва мавқеи муҳаққиқро ба масъалаҳои фарогири публитсистикашиносӣ мушаххас намуда, як паҳлуи муҳимми илми адабиётшиносӣ, ки мустақил гардидааст, собит менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқро олимон, муҳаққиқони ҷавон, донишҷӯёни факултетҳои журналистикаву филология ва ихтисосҳои ҷомеашиносӣ метавонанд, ки васеъ истифода намоянд. Ин диссертатсия паҳлуҳои

таҳқиқногардидаро муайян намуда, дар заминаи он монография ва дастурҳои таълимӣ метавонанд ба табъ расанд.

Масъалаҳо ва консепсияҳои илмии дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошанд.

Сироҷзода Н. Р. ба ҳайси адабиёти диссертатсия на танҳо асарҳои олимони ватанию хориҷӣ аз соҳаи журналистикаро интихоб кардааст, балки осори адабиётшиносон ва мунаққидон низ истифода мегардад.

Асолати диссертатсия беш аз 95,38%-ро ташкил медиҳад, ки талаботи муқарраршудаи банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267)-ро қонеъ мегардонад.

Яке аз махсусиятҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф тавонистааст оид ба ҳамаи нуктаҳо ва маълумоти пешниҳодкардааш баҳси илмӣ ба вуҷуд орад, онҳоро зери суол ва шубҳа кашад, мавқеъ ва нигоҳи муаллифиро дар ин замина ба миён орад. Далелҳои истифодашуда эътимодбахшанд. Ҳангоми таҳлил муносибат ба мавзуъ дуруст ва касбӣ буда, аз маҷрои зарурӣ берун нашудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва фаслу зерфаслҳои мантиқан мураттабу пайдарҳам, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст. Аз лиҳози тартиб, кори диссертатсионӣ ба талаботи муқарраршуда мувофиқат мекунад.

**Теъдод ва мувофиқати интишороти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи мавҷуда.**

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мувофиқ мебошанд.

Автореферат ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф ба дараҷаи зарурӣ мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз ҷониби муаллиф дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд. Муаллифи рисола тули 8 сол дар факултети журналистика фаъолият карда, масъаларо ҳам аз лиҳози илмӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Бо назардошти сифатҳои зикршудаи шахсии муаллиф, қобилияту маҳорат ва омодагии ӯ ба корҳои илмию таҳқиқотии мустақил ҳамчун роҳбари илмӣ чунин меҳисобам, ки диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири

тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои докторӣ ва талаботи бандҳои 32-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ аст ва онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
**доктори илми филология,**
**профессор, академики Академияи**
**миллии илмҳои Тоҷикистон** **Имомзода М.С.**
*04.10.2024 с.*

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯч. К. Хуҷандӣ 45
Телефон: (+992) 935-80-64-44

*Имзои Имомзода М.С.-ро тасдиқ мекунам.*
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э. Ш.**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тамос: (+992 37) 2217711, +992 935806444.